**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 2 декабри соли 2008 № 598**
**тасдиқ шудааст**

# Барномаи беҳдошти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2013

## Фасли I. Мақсад ва вазифаҳои Барнома

Мақсади Барномаи беҳдошти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2013 таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, моликият, кафолати ҳуқуқҳои қонунии онҳо зимни иштирокашон дар ҳаракати роҳ, ҳифзи муҳити зист аз моддаҳои зараровари аз муҳаррики воситаҳои нақлиёт ихроҷшаванда мебошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- баланд бардоштани самараи идора ва назорати давлатии бехатарии ҳаракат дар роҳ;
- огоҳ намудани рафтори хавфноки иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ ва баланд бардоштани интизоми нақлиётии иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ;
- ба талаботи меъёрҳои мавҷуда мутобиқ намудани ҳолати техникии роҳҳои автомобилгард;
- таъмин намудани муассисаҳои сохтмону истифодабарии роҳҳо бо воситаҳои техникии танзими ҳаракат дар роҳҳо;
- такмили таъмини ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, ташкилию техникии фаъолияти назоратӣ;
- баланд бардоштани самараи корҳои зиддисадамавию наҷотдиҳӣ ва расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ ба зарардидагони садамаҳои наклиётӣ.

## Фасли II. Зарурияти Барнома

Бинобар тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, рӯз аз рӯз дар кӯчаву роҳҳои ҷумҳурӣ шумораи нақлиёти автомобилӣ зиёд шуда истодааст. Бо афзудани шумораи воситаҳои нақлиёт, дар ҷомеа ҳалли якчанд масъалаҳои марбут ба ин самт ба миён омадааст, ки яке аз онҳо таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо мебошад. Ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудани Сарвари Давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он шаҳодат медиҳад, ки ин масъала сол аз сол аҳамияти махсуси иҷтимоию иқтисодӣ гирифта истодааст.

Дар давраи аз соли 2000 то соли 2008 дар роҳҳои автомобилгарди ҷумҳури зиёда аз 11800 садамаҳои нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари онҳо зиёда аз 3400 нафар ҳалок шуда, зиёда аз 13600 нафар ҷароҳат гирифтаанд. Чӣ хеле, ки аз таҳлилҳо бармеояд ҳар сол дар қаламрави ҷумҳурӣ дар натиҷаи садамаҳои нохуши автомобилӣ зиёда аз 420 нафар одамон ҳалок ва бештар аз 1700 нафар ҷароҳат мегиранд, ки

зиёда аз нисфи онҳо маъюб мешаванд, зарари ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ расонидашуда низ назаррас мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои асосие, ки сабаби рух додани садамаҳои нақлиётӣ мешаванд, инҳоянд:

- номукаммалии маҷмӯи идораи давлатӣ, танзим ва назорати фаъолият оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ;

- ба талабот ва меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯй набудани ҳолати роҳҳои автомобилгард, норасогии аломатҳои роҳ, воситаҳои техникии танзими ҳаракат дар роҳ;

- интизоми пасти иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ;

- норасогии таъминоти техникӣ, тадбирҳо оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ, дар навбати аввал номутобиқатӣ ба талаботи ҳозираи ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт, қафомонӣ дар таъминот бо воситаҳои алоқа, ки ба сари вақт ба даст наовардани маълумот оид ба садамаҳои нақлиётӣ ва расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ба зарардидагон таъсири манфӣ мерасонад;

- сифати пасти тайёр намудани кадрҳои ронандагӣ, интизоми ғайриқаноатбахш ва беаҳамиятии ронандагони воситаҳои нақлиёт дар риояи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ;

Бинобар ин зарурият ба миён омадааст, ки Барнома таҳия карда шавад.

## Фасли Ш. Самтҳои асосии Барнома

Иҷрои чорабиниҳои Барнома дар асоси татбиқи маҷмӯи тадбирҳои зерин, ки бо ҳам алоқамандии зич доранд, амалӣ мегардад:

- такмили маҷмӯи давлатии идора ва назорати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;

- такмили сиёсати давлатӣ дар мавриди кор бо иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ;

- такмили фаъолияти назорати дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;

- такмили ҳолати техникии роҳҳои автомобилгард;

- таъсиси Маркази омӯзиш ва таҳлили ҳолати садамаҳои нақлиётӣ ва такмили санадҳои меъёрӣ, ки фаъолият дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳро амалӣ месозад.

Барнома рушди ояндаи самтҳои муҳим ва босамари фаъолиятро оид ба беҳдошти ҳолати бехатарии ҳаракат дар роҳ таъмин ва пешниҳод менамояд.

## Фасли IV. Натиҷаи татбиқи Барнома

Дар ҳолати ба ин мақсад муваффақ шудан ва ба эътидол овардани вазъи садаманокӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, то андозае шумораи фавтидагон ва ҷароҳатгирифтагон аз фалокатҳои роҳ кам хоҳад шуд.

## Фасли V. Сарчашмаҳои маблағгузории Барнома

Маблағдиҳӣ барои тадбирҳои дар Барнома пешбинишуда аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, маблағҷудокунии вазоратҳо, идораҳо ва иттиҳодияҳо, маблағу фондҳои ғайрибуҷетӣ сурат мегирад.

Фасли VI. Накшаи чорабинихо оид ба бехдошти Барнома

| № б\т | **Номгуи чорабинихо** | **Ичрокунанда** | **Мухлати ичро** |
|---|---|---|---|
| 1 | Тахияи пешниходот оид ба ворид намудани тагйиру иловахо ба конуни Чумхури Точикистон "Дар бораихаракат дар рох" | 2012 | Вазоратхои корхои дохилӣ, наклиёт ва коммуникатсия, адлия, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 2 | Тахияи "Коидахои таъмини бехатарии хамлу накли мусофирон бо наклиёти истифодаи умум дар Чумхурии Точикистон" дар тахрири нав | 2010-2013 | Вазоратхои наклиёт ва коммуникатсия, корхои дохилӣ |
| 3 | Тахияи низомнома "Дар борои таъмини кумаки тиббии бехатарии харакат дар рох" | 2010-2011 | Вазорати тандурустӣ, Вазорати корхои дохилӣ |
| 4 | Тахияи тахрири нави "Коидахои харакат дар роххои Чумхурии Точикистон" (карори Хукумати Чумхурии Точикистон №565 аз 7.12.с. 1997 "Дар бораи тасдики Коидахои харакат дар роххои Чумхурии Точикистон") | 2011-2013 | Вазоратхои корхои дохилӣ, наклиёт ва коммуникатсия, адлия, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 5 | Ташкили мониторинги афкори умум | Соле як маротиба | Вазорати корхои дохилӣ, Кумитаи телевизион ва радио, воситаҳои ахбори умум, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 6 | Тахияи "Низомномаи тартиби гузаронидани муоинаи тиббии даврагии ронандагони воситахои наклиёт" | Нимсолаи аввали соли 2009 | |
| 7 | Барои такмили системаи кумаки тиббӣ дар давраи то бистарикунонӣ (аз чумла, чудо намудани реанимобилхо, вертолётхои санитарӣ, костюмхои зидди садамавӣ ва г.) аз хисоби чудо намудани маблаѓи иловагӣ аз чониби макомоти ичроияи махаллии хокимиятхои давлатии шахру нохияҳо ва дигар сарчашмаҳо | То соли 2010 | Вазорати тандурустӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 8 | Тахияи барномаи таълимӣ оид ба омузиши асосхои Коиди харакат дар рох барои хонандагони синфхои болоии мактабхои тахсилоти умумӣ (синфхои 5-9),дар хачми 20 соат | То арафаи соли хониши 2009-2011 | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ |
| 9 | Тайёр намудани китобхои дарси "Коидахои харакат дар роххои Ҷумхурии Точикистон" барои донишкадахои олӣ, миёнаи махсус ва синфхои болоии мактабхои тахсилоти умумӣ | То арафаи соли хониши 2009-2011 | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 | Дар байни мактабхои тахсилоти умумӣ ташкил намудан ва гузаронидани озмуни дастахои "Нозирони навраси харакат" оид ба риояи Коидахои харакат дар рох. Мукофотонидани дастахои бехтарин | Ҳамасола | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 11 | Хал намудани масъалаи истехсоли бозичахои махсуси бачагона дар мавзуи бехатарии харакат дар рох | Аз нимсолаи дуюми соли 2009 сар карда | Вазорати энергетика ва саноат, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 12 | Ба рох мондани истехсоли сару либоси махсус барои аъзои гуруххои "Нозирони навраси Харакат". | Соли 2010 | Вазоратхои энергетика ва саноат, корхои дохилӣ,маориф, ҳукуматҳои маҳаллӣ |
| 13 | Дар муассисаи давлатии телевизиони кудакону наврасон "Бахористон" ташкил намудани барномаи таълими "Коидаи харакатро меомузем" барои кудакону наврасон | Доимӣ | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, Кумитаи телевизион ва радио, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 14 | Нашри адабиёти махсус, маводи чопӣ оид ба тарғиб ва омузиши коидхои бехатории харакат дар рох (варакахои ахборотӣ, воситахои айёнй, откриткахо, ёддоштхо, буклет, харитахо бо нишон додани минтакахои хавфнок ва тахлили сабабхои садамахои наклиётӣ). | Доимӣ | Вазоратхои наклиёт ва коммуникатсия, корхои дохилӣ, маориф, фарҳанг, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 15 | Ташкил ва гузаронидани курсхои харсолаи радиотелевизионии омузиши коидахои расондани кумаки аввал ба чарохатгирифтагони садамаи наклиётӣ ва масъалахои хукукии харакат дар рох барои ахолӣ | Мувофики барномаи махсус | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, Кумитаи телевизион ва радио, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 16 | Ташкили курсхои харсолаи омузиши "Коидахои харакат дар рох" барои ронандагони воситахои наклиёти инфиродӣ, ки ба фаъолияти мехнатӣ машгуланд | Доимӣ | Иттифоки автомобилчиёни Точикистон, Вазорати корхои дохилӣ |
| 17 | Рушди системаи максадноки тарбия ва таълими кудакон оид ба бехатарии харакат дар рох | Доимӣ | Вазоратхои корхои дохилӣ, маориф, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 18 | Нашри варакахои замима, тамғақоғаз - ҳо, тақвим, нишонхо, ки ба бехатарии харакат дар рох алокаманданд, истифодаи онхо дар либос, портфелхо, каламдонхо | Ҳар сол | Вазоратхои энергетика ва саноат, корхои дохилӣ, фарҳанг, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 19 | Нашри адабиёти методӣ барои муаллимони таълими коидахои харакат дар рох барои кудакон | Ҳар сол | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, фарҳанг, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 20 | Нашри плакатхо ва маводи дидактикӣ барои муассисахои таълимӣ оид ба мавзуъхои бехатарии харакат дар рох | Ҳар сол | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, фарҳанг, Иттифоки автомобилчиёни Точикистон |
| 21 | Гузаронидани озмун барои расм ва плакати бехтарини кудакона оид ба | Доимӣ | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, Иттифоки |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мавзуъхои бехатарии харакат дар рох | | автомобилчиёни Точикистон |
| 22 | ҶорЙ намудани лоихахои намунавии шахрчахои велосипедронхо ва наклиётӣ барои муассисахои томактабии таълимӣ ва синфхои поёнии мактабхои тахсилоти хамагонӣ ва ташкили корхо дар ин иншоот | Доимӣ | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, Иттифоки автомобилчиёни Тоҷикистон |
| 23 | Ташкили барномахои компютерии таълими бачахо оид ба бехатарии рафтор дар рох ва наклиёт | Доимӣ | Вазоратхои маориф, корхои дохилӣ, Иттифоки автомобилчиёни Тоҷикистон |
| 24 | Гузаронидани озмун дар байни журналистону нависандагон оид ба мавзуъхои таъмини бехатарии харакат дар рох | Доимӣ | Вазорати корхои дохилӣ, Иттифоки автомобилчиёни Тоҷикистон |
| 25 | Такмили системаи ошкор намудан ва бакайдгирии ронандагоне, ки мунтазам Қоидахои харакат дар рохро вайрон мекунанд | Нимсолаи дуюми соли 2010 | Вазоратхои корхои дохилӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, Иттифоки автомобилчиёни Тоҷикистон |
| 26 | Ташкили системаи тайёрӣ, баланд бардоштани ихтисос ва аттестатсияи муалимон оид ба таълими ронандагон | Дар ду сол як маротиба | Вазорату идораҳои дахлдор |
| 27 | Дар асоси тахлили садаманокӣ ва шароити ба амал омада бо интизоми наклиётии ронандагон дар шахру нохияхо ташкил ва гузаронидани амалиётхои махсуси максаднок мувофики накшаи "Назорат". | Доимӣ | Вазоратхои корхои дохилӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, воситаҳои ахбори умум |
| 28 | Бо максади батанзимдарории асосхои меъёрию хукукии истифодабарии намудхои алтернативии сузишворӣ, ба монанди газхои моеъ ва фишурдаи табиӣ дар воситахои наклиёт, тахия намудани шартхои техникии алокаманд ба азнавтачхизонии автомашинахои гуногунтамга барои кор кардан бо сузишвории газӣ | 2009-2010 | Саридораи назорати давлатии бехатарии корхо дар саноат ва сохаи кухкорӣ |
| 29 | Бо максади кам кардани таъсири зарарноки воситахои наклиёти ва амнияти экологии онхо, андешидани чорахо оиди таъмин намудани БДА базахои технологӣ ва муассисахои таъмири воситахои наклиёт бо асбобу тачхизоти ташхисӣ (диагностики), газченкунакхо ва дудченкунакхо | 2010-2011 | Вазоратҳои нақлиёт ва коммуникатсия, корҳои дохилӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо |
| 30 | Андешидани чорахои зарурӣ оиди таъмини бехатарии харакат дар рох бехдошти ташкили кори автобусхо (автобусхои хурд)-и мусофиркаш дар шахру нохияхои чумхурӣ | Доимӣ | Вазоратҳои нақлиёт ва коммуникатсия, корҳои дохилӣ, воситаҳои ахбори умум |
| 31 | Ба рох мондани истехсоли аломатхои рох дар корхонахои саноатии чумхурӣ ва бо онхо таъмин намудани муассисахои сохтмону истифодабарии | Нимсолаи дуюми соли 2008 | Вазоратҳои нақлиёт ва коммуникатсия, энергетика ва саноат |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | роххо | | |
| 32 | Бахри баркарор намудани низоми автоматикунонидаи идораи харакат дар кучаю роххои ш.Душанбе, тачхизонидани ва баланд бардоштани сатхи нигохдошти тайёрии техники воситахои техникй, танзими харакат дар рох, чудо намудани маблагхо аз хисоби сметахои тасдикшудаи Корхонаи давлатии чумхуриявии махсусгардонидашудаи васлу истифодабарии назди РБДА ВКД Чумхурии Точикистон ва маблагхои махсуси Раёсати БДА ВКД | 2010-2013 | Вазоратхои корхои дохилӣ, макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахри Душанбе |
| 33 | Тадбики талаботи карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 21 декабри соли 1997 №451 "Дар бораи тадбирхои азнавбаркароркунй ва инкишоф додани воситахои техники танзими харакат дар рох ва таъмини бехатарии он", хамасола аз бучетхои махаллй чудо намудани маблагхои зарурй барои нигохдошт ва истифодабарии воситахои техникии танзими харакат дар рох | Доимӣ | Макомоти ичроияи хокимияти давлатии |
| 34 | Дар барномаи муассисахои таълимии ронандатайёркунй ворид намудани омузиши талаботи конунгузорй оид ба хукуквайронкунии маъмурй дар наклиёт ва сохаи хочагии рох | 2009-2010 | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, корҳои дохилӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Иттифоки автомобилчиёни Тоҷикистон ва кумитаи марказии ташкилоти чамъятии мададгори мудофиа |
| 35 | Бо максади риояи меъёрхои мукарраршудаи (махдудияти) андоза ва вазни воситахои наклиёт, ташкил ва мучаххазгардонию навсозии нуктахои назоратй дар гузаргоххои сархадй ва рохи охан | 2010-2012 | Хадамоти гумрук, вазорати нақлиёт ва коммуникатсия |
| 36 | Барои гузаронидани назорати мунтазам ва тахкики холати минтакахои хавфноки роххо, мучаххазгардонии озмоишгоххо (лабараторияхо)-и сарирохй бо асбобу лавозимот ва тачхизоти зарурӣ | 2010-2012 | Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия |
| 37 | Ривоч ва азнавсозии шабакаи хатсайрхои мустакими пиёдагардй | Доимӣ | Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия, мақомоти иҷро-ияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 38 | Ташкилоти Маркази иттилоотию тахлилй доир ба тахлили пурраю хамачонибаи харакати наклиёт дар рох, омузиш ва ташкили афкори умум | 2011 | Вазоратҳои нақлиёт ва коммуникатсия, корҳои дохилӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | оиди таъмини бехатарии харакат дар рох | | |
| 39 | Андешидани чорахои зарурй оид ба ривоч ва тачдиди гузаргоххои зеризаминй ва руизаминии болои рох дар мавзеъхои роххое, ки дар он чойхо шиддатнокии харакати воситахои наклиёт зиёд мебошад | Доимӣ | Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |